**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – 335 с.**

Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ (1079-1141) дар таърихи адабиёти форс-тоҷик сараввал ҳамчун шоири касбии муқаррарӣ ворид шуда, ҳамчун шоири ҳирфаӣ аз роҳи эҷоди қасоиди мадҳӣ касби иштиҳор намуда, баъдан ин симои адабӣ ба сифати шоири дигарандеш ва соҳиби ибтикороти бузург дар назми тасаввуфӣ шинохта мешавад. Пас аз гузашти андак замоне, аниқтараш баъд аз табадуллоти ботинӣ ва ё наҳзати фикрӣ, ки дар шарҳи ҳоли ӯ ҳамчун марҳалаи якуми эҷодӣ шинохта мешавад, ба моҳияти каломи ҳунарӣ таҷдиди назар карда, равиши эҷодии хешро ба самти ҷадиде тағйир медиҳад. Фаъолияти ин симои адабӣ дар марҳалаи дуюми эҷодӣ ба ҳадде таъсиргузор аст, ки ба дараҷаи Одамушшуарои шеъри тасаввуфии форс-тоҷик пазируфта мешавад. Аз ин рӯ, ба сифати мавзӯи диссертатсияи докторӣ интихоб гардидани масъалаи мазкур аз ҷониби адабиётшиноси соҳибтаҷриба Солеҳов Мирзо Одинаевич, ба назари мо, муҳим ва саривақтӣ буда, дорои аҳаммияти махсуси назарӣ ва корбурдӣ аст.

Заминаҳои зуҳур ва омилҳои ташаккули адабиёти тасаввуфии форс-тоҷик дар марҳалаи нави таърихии халқҳои форс-тоҷик замони таҳаввулоти мароҳили классикии рушд иттифоқ афтодааст. Зуҳури ин адабиёт, пеш аз ҳама, барои шиносонидани халқи тоҷик ба ҷаҳониён ва ҳатто худшиносии миллӣ аз проблемаҳои дараҷаи аввали илми соҳа аст, ки ҳанӯз дар аввалҳои марҳалаи классикии рушд даст додааст.

Рисола бо назардошти сохтор ва фарогирии масоили таҳқиқ, яъне тарҳрезии бобҳо ва мавзӯъбандии фаслҳову зерфаслҳо, ба назари мо, илмӣ-мантиқӣ буда, бо ҷузъиёти зарурӣ ва ҳатмии матраҳшуда рӯйи кор омадааст, ки ҳамаҷониба матлубу мақбул аст.

Рисолаи М. Солеҳов дорои муқаддима, се боб, нуҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти марбути мавзӯъ буда, чуноне ки ишора шуд, хеле хуб тарҳрезӣ шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба зарурияти таҳқиқи мавзӯи мазкур, ошкорсозии симои эҷодӣ ва мақоми адабии ӯ, пояи шоирӣ ва арзиши осори адабии Ҳаким Саноӣ ҳамчун самтҳои меҳварии таҳқиқот

ва таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба онҳо баён шудааст, ки дар маҷмӯъ, ҳамчун проблемаи шинохти муҳиммияти таҳқиқот маърифат шудааст. Аз тарафи дигар, саҳми муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар пажӯҳиши мавзӯи мазкур, бурду бохти онҳо дар ин ҷода ва амиқравиҳои иддае аз таҳқиқотчиёни шарқиву ғарбӣ дар шинохти Ҳаким Саноӣ ва таъйини мақоми адабию пояи шоирии ин эҷодкор, кашфиётҳои адабии сомондодаи ин адиби тозакору навовар таъкид мешавад, ки хеле хуб аст.

Дар ҳамин замина, муҳаққиқ аҳдоф ва самтҳои таҳқиқоти худро шохис месозад, ки тавъам бо гузиниши ҳадаф, манзури муҳаққиқ аз самтҳои таъйиншуда кадомин паҳлуҳои проблемавию эҷоди навоварӣ, тозакорӣ ва мушаххассозии симои эҷодӣ ва пояи шоирии шахсияти эҷодкор аст. Маҳз масоили мазкур шомили сездаҳ самт дар муқаддимаи диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки хеле муҳим аст. Инчунин, дар ҳамин қисмат доир ба маъохизу манобеъ ва авомили дигари аввалиндараҷаи аснодиву сарчашмавии таҳқиқот баҳс рафтааст, ки муқтазои пажӯҳиши мазкур аст.

Дар рисолаи мазкур доир ба осори илмӣ-назариявию методологии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, шарқию ғарбӣ руҷӯъ шудааст. Зеро барои дарёфти тозакорӣ, албатта, қиёс яке аз ниёзҳои дараҷаи аввали таҳқиқот маърифат мешавад, ки дар ин бора дар муқаддимаи диссертатсия таваҷҷуҳи хос шудааст.

Нахустбоби диссертатсия “Заминаҳои зуҳури назми тасаввуфӣ” ном дошта, дар ин боб, ки аз се фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст, масъалаҳои басо ҷиддии он – омилҳои сиёсию иҷтимоии зуҳури ин ҷараёни муътабари фикрӣ, аз нигоҳи сарчашмаҳои таърихӣ, таърихшиносон, муҳаққиқони таърихи тасаввуфу таърихҳои адабиёт ва дигарон басо мудаллалу дақиқ шохис карда шудааст, ки натоиҷи бардоштаи муаллифи рисола, ба назари мо, саҳеҳ аст.

Дар иртибот бо масоили фавқуззикр дар ҳамин боб омилҳои мафкуравии таърихи зуҳури тасаввуф, пайдоиши аносири жанрии назми тасаввуфӣ ва анвои адабии назми сӯфиёна мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, ки мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ яке аз авомили зуҳури ашъори сӯфиёнаи дидактикӣ-ахлоқиро аз пайдоиш ва ташаккули тафсирнигорӣ ва саҳми муфассирон медонад, ки, ба назари мо, воқеияти маҳз аст. “Пас, рӯ овардани аҳли тасаввуф, – менависад муаллифи рисола, – ба шеъру шоирӣ ва умуман каломи ҳунарӣ низ маншаи шаръӣ, бунёди исломӣ дорад” (Рисола, с. 59). Маҳз авомили мазкур, ба назари

мо, сабаб шудааст, ки шеъри тасаввуфиро мутахассисони соҳа “шеъри бедурӯғ, шеъри бериё” унвон кардаанд.

Боби дуюми рисолаи М. Солеҳов ба мароҳили асосии ташаккул ва рушду таҳаввулоти назми тасаввуфии форс-тоҷик ихтисос дода шудааст ва боби мазкур муштамил бар ду фаслу ду зерфасл буда, дар фасли аввали боби мазкур перомуни авзову ҳолоти каломи ҳунарии манзуми сӯфиёна то рӯзгори Ҳаким Саноӣ баҳс ба миён оварда шудааст. Дар ҳамин замина фасли “Ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ” ҷой дода шудааст, ки давоми мантиқии фасли қаблӣ шуморида мешавад.

Сипас, зерфасли аввали боби мазкур меояд, ки он “Инқилоби фикрӣ ва таъсири он дар шеъри Ҳаким Саноӣ” унвон дорад ва дар ин қисмат ҷунбиши рӯҳонии адиби дарборӣ ва маҳз ба ин восита тағйири бунёдӣ дар ҳастии эҷодкору тарки дарбор ва беш аз он, таҷрид аз дунёи моддӣ ва лаззоти нафсонӣ мушаххас карда мешавад, ки, ба назари мо, хеле ҷолиб ва матлуб сурат гирифтааст.

Зеро маҳз ана ҳамин гардиши куллии ҳаётӣ, ки тафаккурсоз буд, на танҳо рӯзгори шахсии Ҳаким Саноиро тағйир дод, беш аз он шакли нави каломи ҳунарии манзуму мансурро ташаккул дода, худшиносӣ ва ҷаҳонбинии комилан навро ба миён овард. Дар рисола маҳз ана ҳамин зуҳуроти бунёдии созанда ва шахсияти симои эҷодӣ, ки ин тазоҳур аз рӯзгор ва осори ӯ маншаъ мегирад, таҳқиқ шудааст, ки ба назари мо, нигоҳи тоза ба ҷараёни муътабари фикрӣ ва зуҳури каломи ҳунарии тафаккурсоз аст. Дар диссертатсия барҳақ таъкид мешавад, ки шахсият ё симои эҷодӣ дар табадуллоти зеҳнӣ ва давронсозӣ то кадомин поя саҳмгузор аст.

Боби сеюми диссертатсияи М.О. Солеҳов “Навовариҳои Ҳаким Саноӣ дар шакл ва мундариҷаи назми тасаввуфӣ” унвонгузорӣ гардида, боби мазкур дорои чаҳор фаслу ду зерфасл аст.

Муҳаққиқони тасаввуф ин ҷараёни фалсафӣ-ирфониро дар ҳастишиносӣ ҷаҳонбинии беназир ва наҳзати ноби фикрӣ маърифат кардаанд, ки шабеҳашро башарият ёд надорад. Зеро ин ҷараён инсонро муқаддас эълон намуда, аз хоршавӣ ҳимоят намуд. Маҳз ана ҳамин падида дар боби сеюми диссертатсия тадқиқ мешавад, зеро мақоми солик дар ин ҷо ҳамчун симои меҳварии каломи ҳунарӣ ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил карда мешавад. Албатта, дар ин қазоват саҳми Ҳаким Саноӣ, ки дар пайкари куҳани каломи ҳунарии форс-тоҷик тозакориҳои бунёдӣ ворид кардааст, нодиртарин зуҳурот дар санъати нафиса эътироф

гардидааст. Ин гардиши куллӣ дар анвои хурди лирикии қасида, ғазал, рубоӣ ва дар навъи эпикии эҷод – дар маснавӣ ба таври бунёдӣ таҷдиди назар шудааст, ки ин ҳама самараи мактаби адабӣ-ҳунарии бунёдкардаи Ҳаким Саноӣ аст.

Маҳз тавассути ҳамин мактаби адабӣ-ҳунарӣ адабиёти форс-тоҷик тағйири унвон намуда, дар микёси олам тахти унвони адабиёти тасаввуфӣ ва ё адабиёти ирфонӣ арзи ҳастӣ намудааст, ки куллитарин гардиши мафкуравӣ дар таърих маҳсуб мешавад ва ана ҳамин проблема дар рисола, ба назари мо, хеле хуб шохис шудааст. Аз ин сабаб, дар ҳамин боби рисолаи М. Солеҳов зерфаслҳои "Жанрҳои лирикӣ" ва "Маснавиҳои тасаввуфӣ" дучор мешаванд, ки мувофиқи мақсад аст. Зеро тағйироти шаклию мундариҷавии анвои адабии лирикӣ ва эпикии адабиёти форс-тоҷик ва саҳми соҳибмактаб – Ҳаким Саноӣ дар ин ҷода нишонрасу ҳадафмандона шохис шудааст.

Саҳми Ҳаким Саноӣ, махсусан, дар анвои хурди лирикӣ ва ҳатто дар маснависароӣ, – таъкид мешавад дар ин боби рисола, – кашфи дарунмояи ноб буда, бузургтарин орифи шоир Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ маҳз бо назардошти ҳамин тозакориҳои Ҳаким Саноӣ ӯро чашм дар роҳи солик ва халлоқулмаонӣ ном бурдааст.

Муҳаққиқ дуруст таъкид мекунад, ки маҳз Ҳаким Саноӣ ба ташаккули каломи ҳунарии бедурӯғу бериё поягузорӣ кардааст ва маҳз бо назардошти падидаи мазкур миёни сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва аҳли таҳқиқ мухолифати фикрӣ ба назар намерасад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда дар рисола ҷузъӣ бошад ҳам, баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки рафъи онҳо баҳри беҳбудии сифати рисола аст:

1. Ба назари мо, қазовати Шафеии Кадканӣ саҳеҳ аст, ки қасоиди мадҳии Ҳаким Саноиро қисмати торики эҷодиёти адиб мегӯяд, аммо М. Солеҳов бо ин қазоват розӣ набуда, ҳукми Ш. Кадканиро рад мекунад.

2. Муҳаққиқ дар рисола басо ба нудрат бошад ҳам, баъзан ба баёни тавсифӣ роҳ додааст, ки он барои таҳқиқот хушоянд нест.

3. Сабаби ба баҳри хафиф рӯ овардани Саноии Ғазнавӣ дар эҷоди маснавиҳояш, ба назари мо, ба таври бояду шояд шохис нашудааст, хуб мебуд, муҳаққиқ ба ин ҷиҳат бештар таваҷҷуҳ мекард.

4. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 17, 26, 39, 54, 73, 106, 151), китобатӣ (саҳ. 32, 44, 59, 83, 117, 138, 162, 173 ва ғайра) роҳ ёфтаанд, киислоҳашон ба манфиат хоҳад буд.

Ғалатҳои фавқуззикр рафъшаванда буда, наметавонанд боиси коҳонидани арзиши илмии рисола шаванд.

Ба назари мо, диссертатсияи илмии Солеҳов Мирзо Одинаевич "Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик" ҳаматарафа таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муаллифи рисола сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик аст.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л.М.
Тел: 93-192-48-84

Имзои Л. Давлатбековро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи
Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.
ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6,
тел.: +992 2325000, 2325029,
факс:+992372325003